# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мутобиқи моддаи 36 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи ҳар кас ба манзил кафолат дода шудааст. Дастрасӣ ба манзили кофӣ бояд ба ҳама, сарфи назар аз сатҳи даромад ва дастрасӣ ба захираҳои иқтисодӣ таъмин карда шавад. Давлат ҷиҳати рушди сохтмони манзил ва амалисозии ҳуқуқ ба манзил бояд мусоидат намояд. Дар ҷумҳурӣ ҷиҳати ба қонунгузории миллӣ ворид намудани стандартҳои байналмилалӣ дар ин самт тадбирҳои дахлдор андешида мешаванд.

Дар баробари ниёзҳои ҳамарӯзаи инсон манзили истиқоматӣ яке аз шароитҳои асосии моддии зиндагонии ӯ ба ҳисоб меравад. Ҳуқуқ ба манзил ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсонӣ дар самти таъмини ҳуқуқи дахлнопазирии шахсӣ ва зиндагии оилавӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Эҳтиёҷ ба манзили истиқоматӣ хусусияти табиӣ ва доимӣ дошта, аз лаҳзаи таваллуд сарчашма гирифта, дар тӯли тамоми зиндагӣ боқӣ мемонад.

Мавҷудияти манзил барои татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ ва шароитҳои зарурии рушди шахсият, аз ҷумла: ҳуқуқ ба саломатӣ, таҳсил, камолоти касбӣ ва таъмини амнияти иҷтимоӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Аз ин лиҳоз, манзил на танҳо объекти молу мулк, балки унсури муҳими амалӣ намудани ҳуқуқҳои шахсӣ ва иҷтимоии инсон маҳсуб меёбад. Дар заминаи ин, давлат уҳдадор аст, ки дар доираи сиёсати иҷтимоӣ ва ҳуқуқии худ шароитҳои мусоиди ҳуқуқӣ ва амалиро барои таъмини дастрасӣ ба манзили истиқоматӣ фароҳам оварад, то ин ки ҳуқуқи шаҳрвандон ба зисти сазовор ва муҳити мувофиқ амалӣ гардад.

Аз нишондодҳои Стратегияи рушди соҳаи сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №203 тасдиқ шудааст, маълум мегардад, ки барои таҳлили ҳолати соҳаи сохтмон ҳамчун нишондиҳандаҳои хос метавонанд нишондодҳо оид ба ҳаҷми ба истифода супоридани манзил ва шумораи ҷой барои хонанда дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ба ҳисоб раванд: агар дар соли 2000 манзилҳои истиқоматӣ бо масоҳати умумии 245,5 ҳазор метри мураббаъ ва 6228 ҷой барои хонанда дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ба истифода дода шуда бошад, пас ин нишондод дар соли 2020 мутаносибан ба 1463,4 ҳазор метри мураббаъ ва 13534 ҷой барои хонанда баробар гардид.

Мубрамии мавзуи таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бо пешниҳоди нуктаҳои боэътимоди илмӣ, давраҳои таърихӣ ва марҳилаҳои рушди ҳуқуқ ба манзил, маълумоти оморӣ ва як қатор мушкилоти амалӣ ва қонунгузорӣ дар муқаддимаи диссертатсия асоснок карда шудааст. Ҳамзамон, масоили таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба манзил дар Тоҷикистон дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ то ин муддат ба таври пурра мавриди пажӯҳишу коркард қарор нагирифта, ин аввалин таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар ин самт аст.

Бинобар ин, мавзуи диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар ҳақиқат муҳим буда, таҳқиқоти саривақтӣ ва мубрам ба ҳисоб меравад.

Унвонҷӯ Ҷумъахони Саидшои Латифзода соли 2020 шуъбаи рӯзонаи факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакиро бо ихтисоси таърих. ҳуқуқ ва соли 2023 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо маълумоти дуюм бо ихтисосӣ ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Аз соли 2021 ба сифати ассистенти кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ фаъолиятро оғоз намуда, солҳои 2024-2025 ба сифати муовини декан оид ба тарбия дар факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи мазкур фаъолият намудааст. Айни замон, ба сифати муаллими калон дар кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ фаъолият дорад.

Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар давраи омода намудани диссертатсия ҳамчун унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқшиносии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ба ҳисоб мерафт.

Кори диссертатсионии Ҷумъахони Саидшои Латифзода аз муқаддима, 3 боб 6 зербоб, хулоса ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назарӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назарӣ ва амалӣ муайян карда шудааст.

Дар боби якум масъалаҳои «**Тавсифи умумии ҳуқуқ ба манзил**» мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Қисмати кор, ки аз ду зербоб иборат мебошад, масъалаҳои калидии зерин баррасӣ мегарданд: ташаккул ва рушди ҳуқуқ ба манзил дар таърихи ҳуқуқи халқи тоҷик ва мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқ ба манзил. Дар ин қисмат муаллиф ҷанбаҳои илмиву назариявӣ ва таърихии ташаккул ва рушди ҳуқук ба манзилро дар дар марҳилаи давлатдории тоҷикон мавриди баррасии амиқ қарор додааст. Ҳамчунин, масоили назаривӣ-ҳуқуқии мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқ ба манзил бо дарназардошти нуктаҳои назари илмӣ асоснок таҳлил гардидааст.

Дар боби дуюм масъалаҳои «**Масъалаҳои назарӣ ва амалии такмили ҳуқуқ ба манзил**» мавриди таҳқиқ қарор гирифта, бо дарназардошти усулҳот таҳқиқоти илмӣ муаллиф кушиш намудааст, ки ҷойгоҳи ҳуқуқ ба манзилро дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон, умумият ва тафовути онро бо дигар ҳуқуқҳои ба он алоқаманд таҳлил намояд. Инчунин бо мақсади ошкор намудани тафовути қонунгузории кишвар аз қонунгузории давлатҳои дигар дар самти эътироф ва таҳкими ҳуқуқи инсон ба манзил, пешниҳоди нуктаҳои илман асоснок ҷиҳати такмили қонунгузорӣ таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии он бо давлатҳои алоҳида гузаронида шудааст.

Дар доираи ин боб, ки 2 зербобро дар бар мегирад таҳлили муфассали ҷойгоҳи мавкеи ҳуқуқ ба манзил дар низоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҳуқуқ ба манзил дар давлатҳои алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар ин қисмат, муаллиф масъалаҳои қайд менамояд, ки ҳуқуқ ба манзил як ҷузъи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ буда, ба таъмини эҳтиёҷот ва манфиатҳои инсон нигаронида шудааст ва яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии инсон мебошад, ки зиндагии шоистаи шаҳрвандонро кафолат медиҳад.

Тадқиқот робитаи зичи байни ҳуқуқ ба манзил ва дигар ҳуқуқу озодиҳои инсонро муқаррар намуда, дар навбати аввал робитаи байни ҳуқуқ ба манзил ва ҳуқуқ ба ҳаёт, озодии ҳаракат, интихоби ҷойи зист ва истиқоматро мувофиқи анъанаҳо ва хусусиятҳои миллии миллати тоҷик, ҳуқуқ ба ҳифзи модарӣ, кӯдак ва оила, дастгирии давлатии маъюбон, пиронсолон ва шаҳрвандони камбизоатро дар бар мегирад. Ҳамчунин зикр гардидааст, ки ҳуқуқ ба манзил яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ба ҳисоб рафта, дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва санадҳои қонунгузории аксари давлатҳои ҷаҳон мавриди танзим ва кафолатдиҳӣ қарор дода шудааст. Таҳлилу омӯзиши муқарраротҳои санадҳои байналмилалӣ ва санадҳои қонунгузории давлатҳои ҷаҳон, махсусан давлатҳои шомили оилаи ҳуқуқии романо-олмонӣ ҷиҳати таъмини самараноки амалишавии ҳуқуқ ба манзил дар мамлакат ва ба ин васила такмили қонунгузории кишвар мусоидат менамояд.

Дар боби сеюм бошад, масоили **«Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзил»** ба риштаи таҳлил ворид карда шудааст, ки ҷанбаҳои кафолатҳои байналмилалӣ ва миллии ҳуқуқ ба манзил, инчунин роҳҳо ва тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ ба манзилро дар бар мегирад. Зикр мегардад, ки кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар раванди ҷаҳонишавӣ яке аз масъалаҳои муҳимми мавриди танзими васеи ҳуқуқӣ қарордошта маҳсуб мегардад, ки дорои аҳамияти универсиалӣ мебошад.

Вобаста ба ин санадҳои зиёди байналмилалӣ, минтақавӣ ва меъёрии ҳуқуқии дохилӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки моҳият, мазмун, кафолатҳо, уҳдадориҳо ва механизмҳои ҳимоя ва амалишавии онҳоро танзим менамоянд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз як тараф зинаи муайянкунандаи рушди давлат ва ҷомеаи мустақили

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки дар ин замина кафолатҳои амалишавӣ ва ҳимояи онҳо аз ҷониби давлат таъмин карда мешавад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. Феҳристи адабиёт мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конфронсҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Дар ин замина, унвонҷӯ доир ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф 9 мақолаҳои илмӣ таҳия ва интишор карда шудааст, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маҷаллаҳои дигар нашр гардидааст, муҳтавои асосии рисоларо инъикос мекунанд. Теъдоди интишороти илмии унвонҷӯ ба талаботи муқаррааргардида ҷавобгӯ мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Ҷумъахони Саидшои Латифзода дар мавзуи «Ҳуқуқ ба манзил: масъалаҳои назарӣ ва амалӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосҳои 5.5.1. Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат ва 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор,
роҳбари Дастгоҳи Маҷлиси миллии
Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Д.С.

Имзои Д.С. Раҳмонро тасдиқ менамоям:
мудири шуъбаи умумии Дастгоҳи Маҷлиси
миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳимзода Н.Ш.

«09» феврали 2026 с.

**Нишонӣ:** 734052, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 42, Телефон: 992(372) 223-05-63 Факс: 992(372) 221-67-53 Почтаи электронӣ: majmilli@rs/tj, dastgoh/mail@rs/tj. Сомонаи қабулӣ: www.oldmajmilli.tj